АЗ СУХАН ПУХТА ШАВАД ХОМИ ҲАМА!

ДАРМОНБАХШ

E-mail: darmonbakhsh2017@mail.ru Нашрияи Муассисаи давлатии таълимии «Коллеҷи тиббии шаҳри Кӯлоб» ба номи Раҳмонзода Раҳматулло Азиз

№ 8 (38) 24 ноябри соли 2021, чоршанбе (Оғози нашр: соли 2017)

# ПАЁМИ ШОДБОШИИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН, ПЕШВОИ МИЛЛАТ МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН БА МУНОСИБАТИ РӮЗИ ПАРЧАМИ ДАВЛАТӢ

**Ҳамватанони азиз!**

Ҳамаи шуморо ба ифтихори санаи муҳимми таърихӣ – Рӯзи Парчами давлатӣ самимона табрик мегӯям ва орзумандам, ки парчами давлатии Тоҷикистони азиз дар фазои сулху суботи мамлакат ҳамеша парафшон бошад ва мардуми сарбаланди кишварро ба сӯйи ояндаи боз ҳам осудаву обод роҳнамоӣ созад.

Имсол мо Рӯзи Парчами давлатиро дар соли барои тамоми мардуми Тоҷикистон воқеан таърихӣ – сисолагии истиқлолу озодии Ватанамон таҷлил мекунем.

Дар сӣ соли соҳибистиқлолӣ зери парафшонии Парчами давлатӣ дар кишвари мо даҳҳо иншооти бузурги аср ва садҳову ҳазорҳо иншооти муҳимми истеҳсоливу иҷтимоӣ бунёд гардиданд, ки ҳамаи онҳо самараи заҳмати ватандӯстонаи сокинони мамлакат буда, ба рушди устувори иқтисоди миллӣ, таҳкими иқтидори давлат ва ба таври бесобиқа ободу зебо гардидани Ватани маҳбубамон мусоидат намуданд.

Парчами давлатӣ ҳамчун нахустин рамзи давлати соҳибистиқлоли тоҷикон 24-уми ноябри соли 1992 дар Иҷлосияи 16-уми сарнавиштсози Шӯрои Олии кишвар, ки дар ҷараёни он тақдири давлатдории навини тоҷикон тарҳрезӣ гардида, дар роҳи таъмини сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллӣ, инчунин, ба сӯйи ҳадафҳои умумимиллӣ қадамҳои аввалин гузошта шуданд, қабул гардид.

Бояд гуфт, ки ҳанӯз аз давраҳои бостонӣ парчам барои мардуми куҳанбунёди тоҷик рамзи давлатдориву ватандорӣ, таҷассумгари ҳувияти миллӣ, ифтихору шараф ва




нангу номус ба шумор рафта, фарзандони сарсупурдаи халқамон барои ҳифзи он ҷоннисориҳо кардаанд.

Тоҷикон дар таърихи навини худ бо Парчами давлати соҳибихтиёр узви комилҳуқуқи Созмони Милали Муттаҳид ва дигар ташкилоту созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ гардиданд ва равобити дӯстиву ҳамкорӣ, аз ҷумла робитаҳои дипломатӣ ва иқтисодиву фарҳангиро бо аксари кишварҳои ҷаҳон ба роҳ монданд.

Боиси ифтихори ҳар яки мост, ки имрӯз дар қатори дигар кишварҳои аъзои Созмони Милали Муттаҳид Парчами Тоҷикистони соҳибистиқлол дар назди бинои ин созмони бонуфузи байналмилалӣ парафшон мебошад.

Парчами миллӣ, ки ифодагари иттиҳоду сарҷамъӣ, нангу номус, ватандӯстиву ватанпарастӣ ва ҳувияти миллии мардуми фарҳангсолори мо мебошад, ормону орзу ва мақсаду мароми тоҷиконро дар ҷилои рангҳои худ инъикос кардааст.

Воқеан, дар ҷаҳони муосир соҳиби парчами миллӣ будан яке аз рамзҳои асоситарини истиқлолу озодӣ ва давлатдории мустақил мебошад.

Бинобар ин, дар қатори дигар рамзҳои муқаддаси миллӣ арҷгузорӣ ба Парчам ва ба ҷо овардани эҳтироми он қарзи виҷдонии ҳар як шаҳрванди Тоҷикистон ба шумор меравад.

Бо мақсади гиромидошти ин рамзи муқаддаси миллӣ 20-уми ноябри соли 2009 бо фармони Президенти мамлакат рӯзи 24-уми ноябр – Рӯзи Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон эълон гардид.

Илова бар ин, ба хотири арҷгузорӣ ба Парчами давлатӣ ва тақвияти ҳисси милливу ифтихори ватандории сокинони кишвар, пеш аз ҳама, наврасону ҷавонон солҳои охир дар маркази вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳо, инчунин, шаҳраку деҳоти мамлакат даҳҳо майдону гулгашти Парчам бунёд гардида, ҳоло дар онҳо ин рамзи давлати соҳибистиқлоли тоҷикон парафшонӣ мекунад.

Парчами миллӣ имрӯз чун рамзи давлатдории тоҷикон дар бинои тамоми идораҳои давлативу маъмурӣ, ташкилоту муассисаҳо, корхонаҳо, муассисаҳои таълимӣ, иншооти варзиш, хуҷраҳои корӣ ва хонаҳои истиқоматии шаҳрвандон насб гардида, мардуми моро дар ҷодаи сарсабзиву ободӣ ва зиндагии босаодат рӯҳу илҳом мебахшад.

Вобаста ба ин, хотирнишон месозам, ки ҳар яки мо ҳисси эҳтиром, ифтихор, муҳаббат ва садоқатро ба рамзҳои муқаддаси миллӣ бояд дар зеҳну шуури фарзандонамон аз синни кӯдакӣ тарбия намоем, зеро рамзҳои давлатӣ, аз ҷумла парчам таҷассумгари гузаштаи пурифтихори таърихӣ ва оянидаи дурахшони халқамон мебошанд.

Мо вазифадорем, ки Парчами миллии худро ҳифз намоем, эҳтироми онро ҳамчун нишонаи давлатдории миллӣ, истиқлолу озодӣ ва арзиши бебаҳои миллӣ ба ҷо оварем.

Ҳамчунин, хотиррасон менамоям, ки Парчами миллӣ ҳамчун рамзи муқаддаси давлати соҳибистиқлолу соҳибихтиёри тоҷикон бояд нишони сарисинагии ҳар як фарди ватандӯсту ватанпарвар ва бонангу номуси ҷомеа бошад.

Итминони комил дорам, ки кулли сокинони кишвар минбаъд низ ба хотири боз ҳам ободу зебо гардонидани Ватани маҳбубамон, тақвияти иқтидори иқтисодии давлати соҳибихтиёрамон ва баланд бардоштани мақому обрӯи он раванди созандагиву бунёдкориро бо парафшонии Парчами миллӣ вусъати бештар мебахшанд.

Бори дигар тамоми шаҳрвандони Тоҷикистони азизро ба ифтихори Рӯзи Парчами давлатӣ – рамзи муқаддаси давлати соҳибихтиёри тоҷиконро самимона табрик гуфта, ба ҳар як хонадони кишвар тандурустиву сарбаландӣ, бахту саодат ва файзу баракат орзу менамоям.

**Рӯзи Парчами давлатӣ муборак, ҳамватанони азиз!**



Бидуни донистани он ки ман кистам
ва чаро омадаам, зиндагӣ душвор. Афлотун



ЯКШАНБЕИ СЕЮМИ НОЯБР РӮЗИ УМУМИҶАҲОНИИ ГИРОМИДОШТИ ҚУРБОНИЁНИ САДАМАҲОИ РОҲУ НАҚЛИЁТ

# ҲАР РӮЗ ДАР ДУНЁ ДАР НАТИҶАИ СРН ҚАРИБ 3,5 ҲАЗОР НАФАР МЕМИРАНД

**Аз рӯи маълумотҳои нави ТУТ «Танзими суръат» суръати аз ҳад зиёд ё номувофиқ сабаби ҳар як сеюмин марги садамаҳо натиҷаи СРН \Садамаҳои роҳу нақлиёт\ дар дунё мегардад. Новобаста ба беҳтаршавӣ дар самти бехатарии ҳаракати роҳҳо, аз рӯи маълумотҳои СММ ҳар сол СРН 1, 25 миллион ҳаёти одамонро аз байн мебаранд, ҳар рӯз дар натиҷаи СРН қариб 3,5 ҳазор нафар мемиранд. Ҳар сол аз 20 то 50 миллион одамон ҷароҳатҳои гуногун мебардоранд. Садама сабаби асосии марги одамони ҷавони аз 15 то 29 сола мегардад. Нисфи ҳама ҳодисаҳои маргбор дар СРН ба пиёдагардон, велосипедронҳо ва мототсиклронҳо рост меоянд. Новобаста ба ин рақамҳо, аз рӯи қоида 40-50% ронандагон суръати ҳаракати нишондодашударо азҳад зиёд мекунанд. Мувофиқи маълумоти мутахассисони ТУТ, дар ҳолати мавҷуд набудани чораи назорати СРН, то соли 2030 бо бузургӣ аз ҷиҳати сабаби марг ҳафтум мешаванд.**

**Хайрулло Хайриддинов,
директори Маркази бемориҳои диабеди қанди минтақа**



Рӯзи гиромидошти қурбониёни садамаҳои роҳу нақлиёт ҳар сол якшанбеи сеюми моҳи ноябр ҷашн гирифта мешавад. Вай дар Росия рӯзи давлатии истироҳат ҳисобида намешавад, аммо алоқаманд бо ин рӯзи таърихӣ кишвар аксияро дастгирӣ мекунад. Резолютсияи генералии Асамблеяи СММ аз 26 октябри соли 2005 таҳти рақами № A/RES/60/5 «Баландбардории бехатарии ҳаракати роҳ дар тамоми ҷаҳон»-ро таъсис додааст.

Соли 2021 бошад якшанбеи сеюми ноябр ба рӯзи 21 ин моҳ рост меояд ва дар Россия, Украина, Белорусия ва дигар кишварҳо ҷашн гирифта мешавад.

Нақлиёт имконият медиҳад вақтро ихтисор кард, нисбатан тезтар бор ва мусофирронро мерасонад. Ҳар рӯз дар саросари дунё як миллион одам мефавтанд ва ҷароҳат мебардоранд. Иди байналмилалӣ ба зарардидагони садама бахшида шудаст.

**Абдусамадзода Бахтулло,
омӯзгори фанни бемориҳои чашм дар ҷароҳияи КТК**



Ҳодисаи байналмилалии мазкур барои оморҳои ғамгинкунанда диққати ҳамаи одамони сайёраро ҷалб кардан даъват шудааст – ҳар сол зиёдшавии қурбониёни садамаҳои роҳу нақлиёт, ки аксарияти ин қурбонияёни садамаҳо ҷавононанд. Мақсади асосии гузаронидани - Рӯзи гиромидошти қурбониёни садамаҳои роҳу нақлиёт гироми доштани хотираи қурбониён ва ба аҳли оилаи онҳо ҳамдардӣ баён кардан, ҳамчунин, бори дигар ба хотир овардани ҳукуматҳои кишварҳо ва ташкилотҳои масъул дар бораи муҳим будани таъмини бехатарии ҳаракати роҳҳо барои ҳама шаҳрвандон.

Мувофиқи ҳисоботи БДАРА ФР дар давраи аз моҳи январ то моҳи октябри соли 2017 дар кишвар 138337 СРН ба қайд гирифта шуд, ки дар он 15447 одам фавтиданд, ва боз 176144 нафари дигар ҷароҳат бардоштанд. Сабабгори шумораи бештари СРН, аз ҷумла бо ниҳояти маргбор, вайрон кардани ронандагон ҚҲР шудаанд. Барои муқоиса, соли 2016 -ум 173639 СРН рух дод ва 20308 нафар фавтиданд ва 221140 нафар зарар диданд. Сабабгори асосии марги одамон дар СРН дар ФР сатҳи пасти ғафсии роҳ ва мошинронӣ дар ҳолати мастӣ мебошад.

**Давлатзода Саодат,
донишҷӯи курси 1, Кори момоии КТК**



Умри инсон кӯтоҳ аст ва онро чӣ тавр гузаронад, худ бисёр ҳолатҳо андешаи дуруст намекунад, ки ҳар як дақиқа ва лаҳзаи он барояш ғанимат аст. Ҳатто инсон ба ҷони ҷавони худ раҳм намекунад ва бепарво мешавад, ҳол он, ки он беэҳтиётӣ метавонад ҳаёти ӯро як умрӣ ба охир расонад ва ё як умрӣ маҷрӯҳу носолим гардонад. Гап сари масъалаи садамаҳои роҳу нақлиёт меравад, ки мо қариб ҳар ҳафта ва ё ҳар моҳ во мехӯрем. Ва он садамаҳои роҳу нақлиётии рухдода, ҳатман ҷони ҷавони касеро аз байн бурдаанд ва ё нафареро сахт маҷрӯҳ кардаанд. Аз мусибати ин садама оилае як умр мотамдор ва кӯдаке ятим монда ва зане бе шавҳар монда. Барои ҳамин пеш аз ҳама ҳар инсон, ки агар ронанда аст бояд пеш аз оне. ки ба паси чанбараки мошин менишинад ва ба роҳ мебарояд бояд андешаи худ ва он нафароне, ки бо ӯ ҳамроҳ менишинанд онро кунад ва ҳар лаҳза бо эҳтиёт бошад. зерро эҳтиёт ними ҳаёт гуфтаанд, ки ин суханон бе поя нагуфта шудаанд.

**Хосиятмоҳ Хоҷаева,
донишҷӯи курси 1, Кори момоии КТК**



Барои чӣ сухан дар бораи ҷони ҷавон меравад? Барои он, ки садамаҳои роҳу нақлиёт ҳам маҳз бештарашон бо айби ҷавонони дар паси чанбараки мошин нишаста рух медиҳанд. Ва онҳо ҳастанд, ки суръати ҳаракати нақлиётро аз меёр зиёд мекунанд, ва ба садама рӯ ба рӯ мешаванд. боз мушкилаш дар он аст, ки худ бо суръати ҳаракати аз меёр баланд, вақте садама мекунад ба нақлиёти бо суръати муътадил ва оҳиста равандаи қоидаи ҳаракати роҳро риоя мекарда бармехӯрад, ва ё аз роҳи худ дар вақти гузаштан, ки рӯ ба рӯяш мошин аст бар мехӯрад ва ба ҷони ин нафарони дар нақлиёти дар роҳи худ ҳаракаткунанда хатар эҷод мекунанд. Ё худ ба пиёдагардоне, ки дар роҳ рафта истодаанд, ба онҳо бар мехӯранд ва онҳоро зада, аз ҳаёт маҳрум мекунанд. Суръати ҳаракати нақлиёт мувофиқи қоидаҳои ҳаракати роҳ ҳама вақт 70% гарави саломатии ронанда ва мусофирони он аст. Ҳамчунин. нақлиёти дар ҳолати дурусти техникӣ буда, низ ба ин гуфта илова мешанд.

**Шаҳло Одинаева,
донишҷӯи курси 1, Кори момоии КТК**



Ҳатто мо ба садамаҳое дучор мешавем, ки аз зарби сахт задан як оила нисфашон ҳалок шуда, ҳаёти худ ва аҳли оилаи худро зери хатар мондаанд. Касе дар оила солим намондааст, ки паи гуру чуб кардан ва ё паи табобати нафарони дигари аъзои оилаи ҷароҳат бардошта шавад. Барои чӣ ҷавонон ва ҷони ҷавон мегӯянд, барои он ки дар дилхоҳ оморҳо садамаҳои рухдода 80% ҳама ҷавонон ҳастанд. Боз мушкил он аст, ки бепарво ҳастанд ва камбудии асосии дигар ин аст, ки 90 фоизи ин ҷавонон ҳуҷҷати ронандагиро нохонда, пул дода, харидаанд ва дар фаҳмиши қоидаҳои ҳаракати роҳ тасавуроте надоранд. Ва фақат мошинро харидану паси чанбарак нишаста мошин ронданашонро медонанд. Ҳол он, ки мошинронӣ танҳо мошинронии одӣ нест. Мошин рондан қоидаҳои ҳаракати роҳи худро дорад ва риояи он барои ҳар як ронандаи ҳуҷҷат дошта, ҳатмист, фарқ надорад он шоҳ аст, ё вазир аст, ё ронандаи одии бе мансаб. Дар ҳолати надонистани қоидаи ҳаракати роҳ ва рондани мошин шахс метавонад ба нафарони дигари ронанда ва ё пёдагардон халал эҷод кунад ва ҳаёти худ ва дигаронро дар ҳолати вайрон кардани қоидаи ҳаракати роҳ зери хатар гузорад.

**«Дармонбахш»**

# ПАРЧАМИ МИЛЛӢ РАМЗИ ҲУВИЯТСОЗИИ ТОҶИКОН

Рӯзи 23 ноябри соли 2021 дар Муассисаи давлатии таълимии «Коллеҷи тибии шаҳри Кӯлоб ба номи Раҳмонзода Раҳматулло Азиз» Конференсияи сиёсӣ – фарҳангӣ, бахшида ба 29-умин солгарди қабули Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон доир гардид. Дар чорабинӣ меҳмонон - Хосият Ализода – Корманди шоистаи Тоҷикистон, узви ИН Тоҷикистон, дорандаи ҷоизаи «Сухан» ва Абронова Таҳмина- директори маркази ҷавонони бахши ҷавонон ва варзиши МИҲД шаҳри Кӯлоб иштирок ва суханронӣ намуда, аҳли омӯзгорон ва донишҷӯёнро ба рӯзи Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон табрик намуданд.

Аз ҷумла шоираи ваҳдатсаро Хосият Ализода аз эҷодиёти пурғановати худ баҳри шогирдон шеърҳо қироат намуда, иброз доштанд, ки парчамдорӣ русуми миллати соҳибтамаддун аст ва мо сарфарозем, ки миллатамон аз аввалин парчамдорони дунё будааст ва ҳазорон сол пеш ливои рангини худро доштааст, ки дар тули таърихи гарону пур аз моҷаро онро ҳамеша бо ифтихор чун ҷон дар вуҷуд ҳифз доштаасту чун имон муқаддас.

Дар ҳамоиш омӯзгорон ва донишҷӯёни Коллеҷ бо маърӯзаҳо доир ба мавзуҳои таърихи пайдоиш ва моҳияти Парчам суханронӣ намуда, аз ҷумла қайд намуданд, ки Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон 24-ноябри соли 1992 аз ҷониби Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардида буд. Минбаъд ин сана ҳамчун ҷашни умумимиллӣ аввалин маротиба рӯзи 24 ноябри соли 2009 боифтихор аз давлату давлатдорӣ ва соҳибистиқлолию соҳибихтиёрӣ, яъне баъди қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани илова ба қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзҳои ид» бо шукӯҳ Рӯзи Парчами Ҷумҳурии Тоҷикистон - 24 ноябр ҷашн гирифта шуд. Дар саросари кишвар вобаста ба он ҷашнвораю ҷамъомад ва маъракаҳои сиёсиву иҷтимоӣ ва фарҳангию варзишӣ баргузор гардиданд.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мухтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни табрикоти телевизиониашон 23 ноябри соли 2009 ба муносибати Рӯзи Парчами давлатӣ қайд намуда буданд, ки «Парчами имрӯзаи давлатӣ яке аз рамзҳои муҳими истиқлолияти миллӣ ва давлатдории муосири мо, таҷассумгари асосҳои таърихӣ ва рамзҳои давлатдории тоҷикон, инчунин ифодакунандаи мақсаду маром ва орзуву ормонҳои тамоми мардуми Тоҷикистон мебошад».

Дар он рангҳои сурх, сафед, ва сабз ҷило медиҳанд. Ранги сурх -рамзи ягонагии кишвар, сулҳу дӯстии миёни миллатҳо ва ҷоннисориҳои мардум ба хотири ҳифзи марзу бум мебошад.

Ранги сафед - рамзи сафедӣ, покӣ, фаровонии барфу кӯҳҳои баланди кишвар ва бойгарии асосии мамлакат - пахта аст.

Ранги сабз - рамзи водиҳои сабзпӯш, сарзамини кишоварзӣ, ҳамчунин, шукуфоии кишвар аст.

Инъикоси тоҷ ва ҳафт ситора бошад, дар Парчами давлатии Тоҷикистон аз соҳибдавлатӣ ва мустақилияту соҳибихтиёр будани Ҷумҳурии Тоҷикистон шаҳодат медиҳад.

Парчами Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз рукн ё худ аломатҳои асосии муқаддасоти миллӣ буда, воҷиби эҳтиром ва арҷгузории кулли шаҳрвандон мебошад. Чунки, дар радифи дигар муқаддасот, аз ҷумла Нишони давлатӣ, матн ва оҳанги Суруди Миллӣ аз ҷониби Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олӣ расман тасдиқ карда шудааст.

Тибқи муқаррароти моддаи 3 –и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон «Рамзҳои давлатии Тоҷикистон - Парчам, Нишон ва Суруди миллӣ аст», ки ҳар кадоми онҳо дар тарбияи ватандӯстӣ ва ҳисси миллӣ нақши муҳиму сазовор доранд. Парчами давлатӣ дар радифи дигар рамзҳои давлатӣ муқаддасу шариф буда, барои ҳар як шаҳрванди Тоҷикистони соҳибистиқлол боиси ифтихор мебошад.

Ҳангоми дидан, шунидан ва мушоҳида намудани акс ва калимаю ибораҳои Ватан, Парчам, Нишон, Суруди миллӣ, Забони давлатӣ, Президент, марзу буми Ҷумҳурии Тоҷикистон касро ҳисси зебоӣ, меҳанпарастию ифтихор аз Ватану ватандорӣ ва миллатдӯстӣ фаро мегирад ва чунин эҳсосоти гарму навозишпарвар махсус андар давраи соҳибистиқлолии Тоҷикистони азизамон боз ҳам фараҳбахшу гуворо чун Парчами давлатӣ ба ҷилва меояд.

Бошад, ки муҳаббати Ватан дар дили ҳар яки мову шумо ҳамеша ҷовидонӣ бошад. Месазад, ки барои ин ватан ин марзу буми аҷдодиамон ҷоннисор бошем.

Дар қисмати фарҳангии чорабинӣ донишҷӯён дар бораи Парчам ва рамзҳои давлатӣ шеърҳо қироат намуда, сарояндагони ҷавони шаҳри Кӯлоб доир ба ин санаи муҳиму таърихӣ сурудхонӣ намуданд, ки шукӯҳи чорабинии идонаро шукуҳу шаҳомати тоза дод.

**Сорбон Иброҳимов - мудири кафедраи фанҳои гуманитарии МДТ “Коллеҷи тиббии шаҳри Кӯлоб ба номи Раҳмонзода Р.А.”**



## Дарси кушоду намунавӣ аз фанни “Усулҳои тадқиқоти клиникӣ-лабораторӣ”

Санаи 17 ноябри соли 2021 аз тарафи омӯзгори кафедраи химия ва биология Қ. Шовалиева дарси кушоду намунавии амалӣ аз фанни усулҳои тадқиқоти клиникӣ-лабораторӣ доир ба мавзӯи “Услубҳои таҳлили клиникии пешобу наҷосат” баргузор карда шуд. Машғулият бо истифодаи услубҳои муосири таълим баргузор гашта, дар он омӯзгорони ҷавон аз дигар кафедраҳо ширкат доштанд.

**“Дармонбахш”**

МУАССИС:
МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ ТАЪЛИМИИ «КОЛЛЕҶИ ТИББИИ ШАҲРИ КӮЛОБ» БА НОМИ РАҲМОНЗОДА РАҲМАТУЛЛО АЗИЗ

САРМУҲАРРИР
Билоли ШАМС

МУШОВИРОН:
Азиззода Зубайдулло Абдулло, номзади илмҳои тиб, директори МДТ “Коллеҷи тиббии ш.Кӯлоб” ба номи Раҳмонзода Р.А.
Назарзода Ҷумахон Шамс, мушовири директори МДТ “Коллеҷи тиббии ш.Кӯлоб” ба номи Раҳмонзода Р.А.
Фариддун Сафаров, номзади илмҳои тиб;
Ниёзмад Шомадов, номзади илмҳои тиб;
Латофат Ҳакимова, ҷонишини директор оид ба таълими Муассисаи давлатии таълимии «Коллеҷи тиббии шаҳри Кӯлоб» ба номи Раҳмонзода Раҳматулло Азиз

Нашрия дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти рақами 230/РЗ-97 аз 04. 12. 2020 ба қайд гирифта шудааст.

РӮЗНОМА БО ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ, РУСӢ

ТЕЛЕФОН:
Идора: (918) 81 – 17 – 92

Рӯзнома дар ҶДММ «Мега-принт» бо теъдоди 3000 нусха чоп карда шуд.

Рӯзнома тариқи обуна дастрас мегардад.

НИШОНИИ МО:
735360, ш.Кӯлоб, кӯчаи А.Абдураҳмонов, 7
E-mail:
darmonbakhsh2017@mail.ru

# ЭМОМАЛӢ РАҲМОН – ПЕШВОИ ТОҶИКОНИ ҶАҲОН!



«Эмомалӣ Раҳмон – Пешвои тоҷикони ҷаҳон» бо чунин ном рӯзи 16 ноябри соли 2021 дар толори Муассисаи давлатии таълимии «Коллеҷи тиббии шаҳри Кӯлоб ба номи Раҳмонзода Раҳматулло Азиз» конференсияи илмӣ – назариявӣ баргузор гардид. Дар кори Конференсия Раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар шаҳри Кӯлоб Шарифзода Гулрухсор, роҳбарияти муассиса ва омӯзгорону донишҷӯён иштирок намуданд.

Маърӯзачиён зимни суханронӣ аз хизматҳои шоёну таърихии Пешвои миллат, Президенти кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ёдовар шуданд. Аз ҷумла, Раиси КИМ ҲХДТ дар шаҳри Кӯлоб Шарифзода Гулрухсор баромад карда, қайд намуданд, ки мактаби давлатдорие, ки тайи солҳои соҳибистиқлолӣ дар Тоҷикистон аз ҷониби Пешвои миллат, Президенти мамлакат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ташаккул ёфт, анъанаҳои неки гузаштагон, амалияи имрӯзи давлатдорӣ ва идоракуниро дар шароити муосир ба ҳам овардааст.

Омӯзгорони кафедраи «Фанҳои гуманитарӣ» зимни баромадҳояшон иброз доштанд, ки низоми махсуси ғояҳо ва арзишҳо, шакли муносиби муоширaт ва муносибат, танзими хоси равандҳо ва рӯйдоду ҳодисот, ташаккули элитаи сиёсии миллӣ, шаклгирии фарҳанги муосири сиёсӣ ва коркарди механизмҳои зарурии таъминкунандаи ҳамгироӣ дар ҷомеа, дар маҷмуъ, инъикоскунандаи шакли идоракунии нав дар ҷомеаи Тоҷикистон мебошанд, ки ҷанбаҳои усулии ин мактаби бузурги сиёсиро ташкил медиҳанд. Ниҳоди Пешвои миллат сохтори комилан нав дар таҷрибаи давлатдории мо маҳсуб меёбад. Аз нуқтаи назари аҳамияти иҷтимоию сиёсии худ он ба сифати ҷавҳари муттаҳидкунанда баромад намуда, дар сафарбарии ҷомеа ҷиҳати муваффақ гаштан ба натиҷаҳои интизорӣ нақши бузург дорад.

Дар охири Конференсия қайд гардид, ки имрӯз бо боварӣ гуфта метавонем, ки миллати тоҷик дар симои Президенти мамлакат, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Сарваре дорад, ки роҳи ояндаашро бо чароғи садоқату муҳаббат равшан мекунад.

**Мудири кафедраи фанҳои гуманитарӣ**
**С. Иброҳимов**

# СОЛИМИИ МОДАРОН ХУШБАХТИИ ҶОМЕА



Саннаи 5 уми ноябри соли 2021 дар Муассисаи давлатии таълимии “Коллеҷи тиббии шаҳри Кӯлоб ба номи Раҳмонзода Раҳматулло Азиз” озмун байни донишҷӯёни факултети “Кори момодоягӣ” зери унвони “Солимии модарон хушбахтии ҷомеа” аз тарафи кафедраи “Момоӣ ва бемориҳои занона” ташкилу баргузор гардид. Дар озмун ду гурӯҳи донишҷӯён иштирок намуда, шартҳои онро, ки аз саволу ҷавоб ва иҷрои малакаҳои амалии момодоягӣ иборат буданд ба хубӣ иҷро намуданд. Бояд қайд намуд, ки мақсади ташкили чунин озмунҳо барои боз ҳам баланд бардоштани сатҳи донишу малакаҳои касбии донишҷӯён мебошад. Дар охири озмун ба иштирокчиёни фаъол ифтихорнома тақдим карда шуд.

**“Дармонбахш”**

# САҲМИ ОЛИМОНИ ШАРҚ ДАР РУШДУ НӮМУЪИ ИЛМҲОИ ТАБИАТШИНОСӢ ВА РИЁЗӢ

Дастовардҳои илмии олимони Шарқ дар асрҳои VIII- XV яке аз саҳифаҳои муҳими илми ҷаҳонӣ ба ҳисоб меравад. Бо пайдоиш ва устуворшавии ҳукмронии калисоҳои насронӣ дар Аврупо илми табиатшиносӣ рӯ ба таназзул ниҳод. Ҳатто дастовардҳои Юнони Қадим аз бисер ҷабҳаҳо инкор мешуданд. Аз асрҳои II-IIIмелодӣ то асрҳои XV-XVIдар Аврупо дар илмҳои табиатшиносӣ пешравии бузург ба назар намерасад. Олимони Шарқ баръакс ҷиҳатҳои хуби илми Юнони Қадимро инкишоф доданд. Онҳоро бо дастовардҳои илмии Ҳинду Хитой бой гардонда, пасон боз ба Аврупо баргардонданд. Ин мақоми таърихии онҳо қобили қайд аст. Агар асрҳои VI- VII то мелод давраи эҳёи юнониён бошад, асри VIII- XI даврaи эҳёи илму сиёсати тоҷикон аст. Бо пайдоиши дини мусулмонӣ (ислом) ва муттаҳидшавии қабилаҳои араб, забти мамлакатҳои ҳамсоя, аз нимаҳои асри VII сар карда, империяи бузурги мусулмонӣ (исломӣ) дар зери роҳбарии халифаҳои араб ба вуҷуд омад. Бояд қайд кард, ки дини ислом, хилофату халифаҳо нисбати илм ва инкишофи он муносибати хайрхоҳона доштанд. Дере нагузашта маркази хилофат - Бағдод, Димишқ ва дигар шаҳрҳо ба марказҳои илму маърифат табдил ёфтанд. Баъди сустшавӣ ва парокандашавии хилофат ҳам дар мамлакатҳои ҷудо шуда, дар Эрон, Осиёи Миёна, Бағдоди Миср маркази илмӣ амал мекарданд, илмҳои табиатшиносӣ низ ба пешравиҳои муайян соҳиб буданд. Бинобар ин гуфтан мебояд, ки илми мамлакатҳои шарқ ду ҷиҳат дорад: аввал - кори бузурге, ки олимони Шарқ анҷом доданд, ин тарҷумаи осори илмии Юнони Қадим ва дигар халқҳо ба забони арабӣ буд. Баъзе асарҳои нодири олимони Юнони Қадим, ба монанди «механикаи Герон», рисолаҳои Архимед ва F. фақат дар тарҷумаи арабиашон боқӣ монда буданд, онҳоро баъдан аврупоиҳо истифода менамоянд. Дуюм - ин ки олимони Шарқ ба илми атиқа ислоҳу иловаҳо дохил намуда, онҳоро бо маълумотномаҳо аз дастовардҳои олимони Шарқ пурра намуда, боз ба Аврупо баргардониданд. Аз ҷумла, аврупоиҳо дар бораи компас, ададҳои даҳрақама на монанди онҳо ба воситаи олимони Шарқ шинос шуданд. Сахми олимони Осиёи Миёна, хусусан олимони давраи Сомониён дар инкишофи табиатшиносии он замон калон аст. Дар бораи баъзеи онҳо маълумот дода, инки¬шофи соҳаҳои гуногуни табиатшиносиро аз тарафи оли¬мони он давра шарҳ медиҳем.

Муҳаммад ибни Мусо ал-Хоразмӣ (780-850) яке аз намояндагони машҳури табиатшиносии он давра аст. У риёзидон, мунаҷим, ҷуғрофидони машҳур буда, бо номи ал - Маъҷузӣ низ маъмул гардидааст. Ӯро асосгузори риёзиёти хилофати араб ҳисоб мекунанд. Хоразмӣ дар Академияи илмии Бағдод «Байтулҳикма» - кохи хирад фаъолияти илмию эҷодӣ мебарад ва яке аз мунаҷҷимони машҳури халифа ал-Маъмун (813-833 хилофат дошт) ба ҳисоб мерафт. Ал-Хоразмӣ асосан тавассути ду китобаш, «Китоб-ул-ҷамъ ва ут-тафриқ би ҳисоб ул-Ҳинд» ва «Китоб-ул-мухтасар фиҳисобул-ҷабр вал муқобала» ҳамчун риёзидони машҳури ҷаҳон шудааст. Дар китоби аввал асосҳои арифметика бо истифодаи системаи ҳисоби 9-рақама (ҳисоби имрӯза) қоидаҳои иҷрокунии амалҳои тарҳ, ҷамъ, зарб, тақсим ва решабарорӣ оварда шудаанд. Ин системаи ҳисобро баъд аз воситаи китоби ӯ асосҳои алгебра ва қоидаҳои асосии он ифода ёфтааст. Мегӯянд, ки номи ал¬гебра ҳам аз номи ҳамин китоб ал-ҷабр гирифта шудааст. Хоразмӣ дар соҳаҳои гуногуни илм - ҷуғрофия, астроно¬мия ва ғ. асарҳои зиёде таълиф кардааст. Бо мероси олимони Юнони Қадим, хусусан Евклиду Герон хуб шиносоӣ дошт ва дар бораи сохти олам ба ақидаи замин марказ (гсосентрӣ)-и Птоломей ҷонибдор буд.

Абунаср Муҳаммади бини Муҳаммади Форобӣ (874-950) олими забардасти давраaш аст. Ӯ дар деҳаи Форобӣ соҳили дарёи Сир таваллуд шуда, саёҳати зиёде мекунад. Ба Чорҷу, Самарқанд, Бухорову Эрон, Бағдоду Димишқ сафар карда, дар Димишқ вафот мекунад. Форобӣ забонҳои форсӣ, арабӣ, юнонӣ ва лотиниро хуб медонист. Бо илму фалсафаи Юнон шиносоӣ дошта, дар асарҳои фалсафиаш кушиш мекунад, ки Афлотуну Арастуро оштӣ диҳад. Ӯ оламро аз чор унсур (об, хок, ҳаво ва оташ) иборат донисга, мавҷудияти унсури панҷум - эфирро дар байни ситораҳо тахмин мекунад. Форобӣ дар бораи асосҳои статика — ҳолати мувозинатии ҷисмҳо маълумот дошт. Форобӣ таҷрибаро асоси дониши илмӣ мешуморид. Дар китоби ӯ «Китоб ул-мусиқӣ-ал-Кабир» фасълҳои зиёде ба асосҳои физикии паҳншавии садо — қонунҳои паҳншавии мавҷҳои механикӣ бахшида шудаанд. Аз эҳтимол дур нест, ки усулҳои арифметикии риёзиет, ки барои шарҳи бузургиҳои садо Форобӣ истифода кардааст, баъдан заминаи ҳисобкуниҳои дифференсиалӣ (Лейбнис ва дигарон) шудаанд. Олими немис А. Миллер Форобиро барҷастатарин мутафаккири Шарқ номидааст.

Шайхурраис Абуалӣ ибни Сино (980-1037) табиби машҳур, файласуфи барҷаста, шоири маъруф, табиатшиноси энсиклопедист аст. Ӯ дар давраи ҳокимияти Сомониён дар деҳаи Афшанаи назди Бухоро таваллуд - мешавад. Дар ҷавониаш Ибни Сино амири Сомонӣ Нуҳ ибни Мансурро табобат намуда, бо иҷозати ӯ ба китобхонаи дарбор «Академияи Маъмун» роҳ ёфта, аз он баҳра мебарад. Баъди ҳуҷуми ғазнавиёну қарахониён ба давлати Сомониён Сино аз хизмати Маҳмуди Ғазнавӣ сар кашида, ба шаҳрҳои Урганҷ, Ҳамадон, Исфаҳон ва ғ. фирор мекунад. Дар ҳамаи ин сафарҳо шогирдаш Ҷузҷонӣ ӯро ҳамроҳӣ кардааст. Ибни Сино соли 1037 дар Ҳамадон вафот мекунад.

Абуалӣ ибни Сино аз худ мероси бой - зиёда аз 40 асари тиббӣ, 30 таълифот оиди нуҷум ва илмҳои табиатшиносӣ, 3 рисолаи мусиқӣ, ҷамъ бештар аз 185 асар боқӣ гузоштааст. Назарияи Сино хеле пешқадам мебошад. Иб¬ни Сино нахуст асоси оламро дар чор унсур (об, хок, оташ, ҳаво) медид. Сино аз ҳама зиёд дар соҳаи илми тиб машҳур мебошад. Китоби машҳури ӯ «Ал-қонун фит-тиб» то асрҳои XV1-XIX яке аз китобҳои асосии таълими соҳаи тиб ба ҳисоб мерафт. Асарҳои ӯ дар соҳаҳои илми астро¬номия. кимиё, физика ва ғ. низ аҳамияти калон доранд.

Ибни Сино ақидаи Арастуро дар бораи ҳаракати азалии ҷисмҳо таҳлил карда, дар кори ба миён овардани мафҳуми бузургии бо бақо - импулс (миқдори ҳаракат) наздик омадан аст. Ӯ дар инкишофи ситорашиносӣ саҳми калон дорад ва беш аз даҳ мухолифату нуқсонҳои Птоломей (Ал-Маҷастӣ)-ро қайд карда, онҳоро бартараф кардааст.

Дар қатори ин донишмандон боз чандин мутафаккирони машриқзаминро мисол овардан мумкин аст, ки дар инкишоф ва рушду такомули илми тоҷик нақши арзанда ва босазоеро гузоштаанд.

Лозим ба зикри хос аст, ки дурдонаҳои илми олимони Шарқ, бахусус тоҷикон дар натиҷаи лашкаркашиҳои зиёд ва истисмори аҷнабиҳо дар тули таърих қариб, ки нобуд карда шуданд. Ин бадхоҳони миллати тоҷик боис гардиданд, ки илми имрӯзаи Шарқ то андозае рӯ ба таназул ниҳад. Ҷойи ифтихор аст, ки миллати тоҷик аз азал чун миллати бофарҳанг, илмдӯст ва хирадманд шинохта шудааст. Агар китобсӯзиҳои аҷнабиҳо ҳолати илмро ногувор карда бошанд, пас фарзандони донишманди миллат қодиранд, ки илми тоҷикро боз ба мақоми аввалааш баргардонанд. Албатта барои ин кор фурсат лозим меояд.

Маврид ба зикр аст, ки имрӯзҳо ҳам дастовардҳои олимони машриқзамин, алалхусус тоҷикон илми имрӯзаи ҷаҳониро инкишофу ташаккул медиҳанд.

**А.Раҳмонов, омӯзгори кафедраи Асосҳои риёзӣ ва фанҳои табии МДТ «Коллеҷи тибии шаҳри Кӯлоб ба номи Раҳмонзода Р.А.»**

# ВАРЗИШ – ГАРАВИ САЛОМАТӢ

Рӯзҳои 11 то 13 ноябри соли 2021 бо ибтикори Бахши кор бо ҷавонон ва варзиши шаҳри Кӯлоб дар толори варзишии МДТ «Коллеҷи тиббии шаҳри Кӯлоб ба номи Раҳмонзода Р.А.» мусобиқаи кушоди шаҳрӣ оид ба намуди Волейболи мардона байни дастаҳои мунтахаби муассисаҳои олӣ ва миёнаи касбии дар шаҳри Кӯлоб мустақар буда, бахшида ба Рӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид. Дар ин мусобиқа 6 даста иштирок намуданд. Баъди се рӯзи мусобиқа ва ҷамбасти мусобиқа ғолибон муайян шуданд. Ҷойи якум насиби дастаи варзишгарони МДТ «Коллеҷи тиббии шаҳри Кӯлоб ба номи Раҳмонзода Р.А», ҷойи дуюм насиби дастаи МТҒ «Коллеҷи тиббии шаҳри Кӯлоб» ва ҷойи сеюм насиби дастаи МДТ “Донишгоҳи давлатии Кӯлоб” гардид. Ғолибони мусобиқа бо диплом, медал ва туҳфаҳои хотиравии Бахши кор бо ҷавонон ва варзиши шаҳри Кӯлоб сарфароз гардонида шуданд.

**Мудири кафедраи тарбияи ҷисмонӣ А.Ҷафаров**

*Аз умр пурсамар истифода кардан ду бор зистан аст.*
*Мартсиал*

ДАРМОНБАХШ
№ 8 (38) 24 ноябри соли 2021

# ВОХӮРИИ РОҲБАРИЯТИ КОЛЛЕҶ БО ДОНИШҶӮЁНИ БАХШИ АВВАЛ

Охири октябри соли ҷорӣ дар МДТ “Коллеҷи тиббии шаҳри Кӯлоб ба номи Раҳмонзода Раҳматулло Азиз” вохӯрии роҳбарияти муассиса бо донишҷӯёни бахши аввал баргузор гардид. Дар вохӯрӣ директори муассиса номзади илмҳои тиб, Азиззода Зубайдулло Абдулло суханронӣ намуда, донишҷӯёнро бо роҳбарият шинос намуд. Сипас ӯ перомуни масъалаҳои таълиму тарбияи ҷавонон, аз ҷумла иштироки фаъолона дар машғулиятҳо, тартиботи дохилӣ, риояи сару либоси тавсиявӣ, беҳуда истифода накардани телефонҳои мобилӣ, тартиби раванди таълим, одоби салом, риоя намудани қоидаҳои беҳдоштӣ аз тарафи донишҷӯён, эҳтиёткорона муносибат намудани донишҷӯён бо ҷиҳозҳи таълимӣ дар синфхонаҳо, истифодаи онҳо аз китобхонаи муассиса, даст назадан ба қонуншиканиҳо ва дигар масъалаҳои мубраме, ки давоми таҳсил барои донишҷӯён заруранд сухан намуданд. Зимни суханронӣ Азиззода З.А. аз дастовардҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон тули солҳои соҳибистиқлолӣ ва дастгирии ҷавонон ва соҳаҳои иҷтимоӣ, аз ҷумла маорифу тандурустӣ аз тарафи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти кишварамон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ёдрас гаштанд. Ба ҷавонон таъкид карда шуд, ки аз ваҳдату осоиштагӣ, давлати амну соҳибистиқлол шукрона намуда, ҳамеша пайи омӯзиши касбу ҳунар бошанд. Қайд карда шуд, ки маҳз бо дастгирии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазоратҳои тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва маорифу илм Коллеҷи тиббии шаҳри Кӯлоб низ солҳои соҳибистиқлолӣ рушд намуда, ба дастовардҳои назаррас ноил гаштааст.



Имрӯзҳо ба донишҷӯён зиёда аз 200 нафар омӯзгорони соҳибтаҷриба дарс мегӯянд. Заминаи моддию техникии муассиса сол аз сол беҳтар гашта, синфхонаҳои таълимӣ бо ҷиҳозу аёниятҳо таъмин гашта истодааст, хазинаи китобхона бо китобҳои чопӣ ва электронӣ сол аз сол ғанӣ гардонида шуда истодааст, марказҳои таҷрибаомӯзии таълимию табобатӣ ва истеҳсолӣ бо лавозимоти зарурӣ муҷаҳҳаз гардонида шуда истодааст, ки ин барои беҳтар намудани сифати омодасозии мутахассисон мусоидат хоҳад намуд.

Дар охир директори муассиса донишҷӯёнро барои ноил гаштан ба унвони донишҷӯ табрик намуда, ба онҳо дар ҷодаи таълиму касбомӯзӣ бурдбориҳо таманно намуд.

**“Дармонбахш”**

# КОНСТИТУТСИЯ - БАХТНОМАИ МИЛЛАТ

**«Қабули Конститутсия дар таърихи навини кишвари мо аз ҷумлаи рӯйдодҳои муҳимтарини сиёсие мебошад, ки арзиш ва аҳамияти он бо гузашти замон бештар мегардад»**
**Эмомалӣ Раҳмон**

«Конститутсия бахтномаи миллат» чунин ном дошт мавзӯи конференсияи илмӣ-назариявӣ, ки бахшида ба 27 — умин солгарди қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Санаи 5 - уми ноябри соли ҷорӣ дар МДТ «Коллеҷи тиббии шаҳри Кӯлоб ба номи Раҳмонзода Раҳматулло Азиз» бо шукӯҳу шаҳомати баланд гузаронида шуд. Дар кори конференсия меҳмонон - раиси кумитаи ҲХДТ дар шаҳри Кӯлоб Шарифзода Гулрухсор, корманди прокуратураи шаҳри Кӯлоб Шарифзода Ҳ.Б. ва корманди Кумитаи кор бо занони шаҳри Кӯлоб Нурзода Парвина иштирок ва оид ба аҳамияти бузурги ин ҳуҷҷати тақдирсози миллат суханронӣ намуданд. Инчунин, устодони кафедраи «Фанҳои гуматинарӣ» Ятимова Гуландом дар мавзӯи «Конститутсия - ҳуҷҷати сарнавиштсоз», Салимова Азиза дар мавзӯи «Конститутсия - бахтномаи миллат», Пиров С.Х дар мавзӯи «Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон - замимаи асосии рушди давлати миллии Тоҷикистон» баромад намуданд.



**Кафедраи гуманитарии МДТ**
**“КТК ба номи Раҳмонзода Р.А”**

# ОЗМУНИ БЕҲТАРИН ҲАМШИРАИ ТИББИИ ОИЛАВӢ




Аз тарафи кафедраи тибби оилавии МДТ “Коллеҷи тиббии шаҳри Кӯлоб ба номи Раҳмонзода Раҳматулло Азиз” рӯзи 25 — уми октябри соли ҷорӣ озмуни “Беҳтарин ҳамшираи тиббии оилавӣ” ташкилу баргузор карда шуд. Дар озмун ду гурӯҳи донишҷӯён иштирок намуда, шартҳои озмунро, ки аз посух ба саволномаҳо ва иҷроиши малакаҳои ҳамширагӣ дар тибби оилавӣ иборат буданд анҷом доданд. Донишҷӯёни ҳарду гурӯҳ аз иҷроиши малакаҳои ҳамширагӣ дар тибби оилавӣ ва посух ба саволҳои аз тарафи ҳакамон пешниҳод гашта ба хубӣ баромаданд. Бояд қайд намуд, ки мақсади ташкил аз чунин озмунҳо боз ҳам баланд бардоштани сатҳи дониши назариявӣ ва амалии донишҷӯён иборат мебошад.

**“Дармонбахш”**

## ДАРСИ КУШОДУ НАМУНАВӢ

Дар МДТ “Коллеҷи тиббии шаҳри Кӯлоб ба номи Раҳмонзода Р.А.” санаи 1 — уми ноябри соли ҷорӣ аз тарафи омӯзгори кафедраи тибби оилавӣ Гулбегим Бозорова дарси кушоду намунавӣ доир ба мавзӯи “Ёрирасонии ҳамширагӣ ҳангоми бемориҳои қалбу рагӣ” ташкилу баргузор гардид. Дар машғулият даҳ нафар омӯзгорони ҷавон иштирок доштанд. Бояд қайд намуд, ки ташкилу баргузории чунин машғулиятҳо аз тарафи омӯзгорони собиқадор бо мақсади ҷорӣ намудани таҷрибаи бойи онҳо дар байни дигар омӯзгорон, ба омӯзгорони ҷавон омӯзонидани методикаи байналфаъол ва самараноки таълим мебошад. Дар машғулият ҳама услубҳои ба талаботи замона ҷавобгӯ аз тарафи омӯзгор, аз ҷумла ороишу ҷиҳозонии кабинети таълимӣ, муоширати дуруст бо шогирдон, истифодаи технологияи электронӣ, услубҳои байналфаъол, аз ҷумла кор дар гурӯҳҳои хурд, ҷиҳати тарбиявии машғулият, тарзи баён ва омӯзиши мавзӯъ, диққати махсус ба иҷроиши малакаҳои амалӣ нишон дода шуд.

Хулоса дарси кушод дар сатҳи баланд баргузор гардид, ва иштирокчиён, аз ҷумла омӯзгорони ҷавон аз тарзи дуруст ба роҳ гузоштани машғулият боз ҳам хубтару беҳтар баҳравар гаштанд.

**“Дармонбахш”**

## ТАҚДИМИ СТИПЕНДИЯИ БА НОМИ ПРОФЕССОР РАҲМОНЗОДА РАҲМАТУЛЛО АЗИЗ БА ДОНИШҶӮЁН



Боиси хушнудист, ки дар МДТ “Коллеҷи тиббии шаҳри Кӯлоб ба номи Раҳмонзода Раҳматулло Азиз” сол аз сол гирандагони стипендияҳои номӣ зиёд шуда истодаанд. Як нафар донишҷӯи мо ҳамасола дар асоси озмун гирандаи стипендияи Президентӣ ва се нафар донишҷӯёни дигар гирандагони стипендияи Раиси вилояти Хатлон мебошанд.

Санаи 29 уми октябри соли ҷорӣ дар МДТ “Коллеҷи тиббии шаҳри Кӯлоб ба номи Раҳмонзода Раҳматулло Азиз” ба 10 нафар донишҷӯёни аълохон стипендияи ба номи профессор Раҳмонзода Раҳматулло Азиз дар ҳаҷми ҳазор сомонӣ тақдим карда шуд. Стипендияи мазкур бо ташаббус ва дастгирии яке аз фарзандони марҳум Раҳмонзода Р.А., Раҳмонов Бузургмеҳр Раҳматуллоевич таъсис дода шудааст ва ҳаҷми солонаи он 10 000 сомониро ташкил медиҳад. Бояд қайд намуд, ки фарзандони Раҳмонзода Р.А. Бузургҷамил ва Бузургмеҳр Раҳмоновҳо дар ташкили осорхонаи профессор Раҳмонзода Р.А., ғанигардонии китобхонаи муассиса бо китобҳои дарсӣ аз фанни бемориҳои асаб ва беҳтар намудани заминаи моддию техникии муассиса саҳми арзанда гузошта истодаанд. Аҳли омӯзгорон ва донишҷӯёни муассиса ба оилаи Раҳмонзодаҳо барои дастгирии ҳамаҷонибаашон дар рушду нумуи муассиса сипоси бепоёни худро иброз намуда, боварӣ дорем, ки чунин ҳамкориҳо солҳои минбаъда низ идома хоҳанд ёфт.

**“Дармонбахш”**

## МАВЛУДАТОН МУБОРАК!

Маъмурият, ҳайати омӯзгорон, кормандон ва донишҷӯёни Муассисаи давлатии таълимии «Коллеҷи тиббии шаҳри Кӯлоб» ба номи Раҳмонзода Раҳматулло Азиз ва аҳли эҷоди рӯзномаи «Дармонбахш» ба омӯзгорон:

1. МАҲМУДОВА МАРҲАБО, 02.11.1983, муаллимаи фанни биология;
2. ЭМОМОВА РУХШОНА, 02.11.1977, мудири кафедраи бемориҳои сироятӣ;
3. НАЗАРОВА ОЗОДАМО, 07.11.1982, муаллимаи фанни таърихи халқи тоҷик;
4. ОДИНАЕВА САНИФА, 07.11.1978, муаллимаи фанни забони лотинӣ;
5. АНВАРБИИ КАРИМ, 12.11.1992, эдвайзери момодоягӣ;
6. НИЁЗОВА МИҲИНАВ, 15.11.1975, омӯзгори кафедраи фанҳои тиббӣ;
7. ОДИНАЕВА АҲДИЯ, 17.11.1985, сармутахассиси шӯъбаи таълим;
8. САНГОВ САИДМУСТАФО, 20.11.1989, омӯзгори кафедраи терапия;
9. ФАЙЗАЛИЕВА НАВИШТАМО, 22.11.1966, муаллимаи фанни кори ҳамширагӣ дар момоӣ;
10. САФАРОВ ФАЙЗУЛЛО, 23.11.1946, муаллими фанни забони тоҷикӣ;
11. АЛИЕВ БОБОШО, 24.11.1993, муаллими фанни асосҳои кори ҳамширагӣ;
12. ИБРОИМОВ СОРБОН, 25.11.1988, мудири кафедраи фанҳои гуманитарӣ;
13. БОЕВА УМЕДА,25.11.1980, котобдор;
14. ШОЕВА НОЗАНИН, 26.11.1990, муаллимаи фанни кори ҳамширагӣ;
15. ЛАТИПОВ САФАРАЛӢ, 26.11.1983, сардори шӯъбаи таълим;
16. ХУШБАХТОВ АБДУЛФАЁЗ, 26.11.1984, муаллими фанни тарбияи ҷисмонӣ;
17. РАҲИМОВА МАВЗУНА, 30.11.1987, омӯзгори кафедраи анатомия ва физиология;

ки дар моҳи ноябр ҷашни мавлуд доранд ба соҳибҷашнҳо дуои бардавоми умр ва барору муваффақиятҳоро аз даргоҳи Худованди сахиву бахшоянда хоста, аз номи шоир баҳрашон гуфтанием:

**Қади сарватон Илоҳо хам нагардад,**
**Дили шодатон ба даври ғам нагардад.**
**Дуои мо ҳамин бошад шабу рӯз,**
**Ки мӯе аз сари Шумо кам нагардад.**
**Тамоми ҳастии дунё бароятон бод мегӯем,**
**Ҳамеша сарбаланду хонаатон обод мегӯем.**
**Бубинед умр то яксаду ҳаштод мегӯем,**
**Шуморо бо зодрӯзатон мо муборакбод мегӯем.**

**Бигузор барои амалӣ намудани нақшаҳои беохиру хоҳишҳояшон ҳамеша вақти кофиву имконият фароҳам бошад. Мавлудашонро мо муборакбод мегӯем.**

**Зодрӯз муборак омӯзгорон ва кормандони азиз!**